Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-019 назди Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон (734025,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 27 саҳ.)

Диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович ба яке аз мавзуъҳои муҳимми ҳуқуқи конститутсионӣ бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи авторефератро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода масъалаи ташаккули ҳизбҳои сиёсиро ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва субъекти муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ амиқ таҳлил намуда, шарҳи муаллифии масоили мансуб ба мақоми ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар ва хусусиятҳои хоси ҳуқуқии онҳоро асоснок кардааст. Ҳамчунин, аввалин маротиба аз ҷониби муаллиф таҳлили масъалаҳои муҳимме чун мафҳум ва моҳияти ҳизбҳои сиёсӣ, сохтор ва таркиби ҳизбҳои сиёсӣ, принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ниҳодинашавии (институтсионализатсияи) ҳизбҳои сиёсӣ, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди идоракунии корҳои давлатӣ, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ ва робитаи ҳизбҳои сиёсӣ бо дигар субъектони муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ амалӣ шуда, барои такмили қонунгузорӣ дар танзими муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо дода шудааст.

Муаллифи автореферат вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур менамояд ва навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи соли 1994 рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмӯие мебошад, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ ва такмили минбаъдаи он бахшида шуда, аз навгониҳои зерин иборат аст: - бори аввал дар рисолаи илмӣ муаллиф таърихи пайдоиш ва инкишофи ҳизбҳои сиёсиро дар Тоҷикистон таҳқиқ ва баррасӣ намудааст; - дар рисолаи илмӣ муаллиф асоснок намудааст, ки мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар замони имрӯза масъалаи мубрами илмӣ ба ҳисоб меравад ва мафҳуми васеи онро пешниҳод намудааст; - дар рисолаи илмӣ такмили қонунгузории соҳавии ҳизбҳои сиёсӣ ва мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст; - принсипҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ муайян шуда, зарурати ворид намудани онҳо ба қонунгузории амалкунанда дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ асоснок гардидааст; - дар рисолаи илмӣ ҳуқуқу озодиҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, пешниҳодҳои асоснок вобаста ба додани ҳуқуқу озодиҳои муайян ба ҳизбҳои сиёсӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ироа шудааст; - дар рисолаи илмӣ тартиби таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард шуда, навгониҳо пешниҳод мегардад; - асосҳои назорати давлатӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ-конститутсионии онҳо мавриди таҳлил қарор гирифта, вобаста ба масъалаҳои мазкур навгониҳои зиёд ироа гардидааст. Муайн ва мустаҳкам намудани мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар сатҳи қонунгузории кишвар барои иштироки фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди идоракунии давлатӣ ва ҳаёти сиёсии кишвар мусоидат менамояд.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович илман асоснок ва бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ мустаҳкам арзёбӣ мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат ба танзими қонунгузорӣ оид ба ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Ҳамчунин, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ гувоҳи асоснокии таҳқиқоти анҷомдода ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Имомов Ҳумоюн Шарофиддиновичро метавон мусбат арзёбӣ намуд, зеро он нахустин пажӯҳиши комплексӣ оид ба мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои муҳаққиқони ояндаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ заминаҳои мусоид ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пай дар пай ва асоснок матраҳ гардидаанд.

Дар баробари ин, баъзе эродҳоро низ бояд зикр кард, ки хусусияти ҷузъӣ дошта, арзиши автореферати диссертатсияро коста намегардонанд.

1. Дар нуктаи якуми пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ муаллифи автореферат иброз менамояд, ки ба матни Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» моддае ворид кардан зарур аст, ки дар он муқаррарот дар бораи принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ бо мазмуни зерин пешбинӣ шудаанд: Принсипҳои асосии таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ:

- Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба принсипҳои ихтиёрӣ, баробарӣ, худидоракунӣ, қонуният ва шаффофият асос меёбад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар муайян кардани сохтори дохилӣ, мақсад, шакл ва усулҳои фаъолияти худ, ба истисноии маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонуни мазкур озоданд;
- Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ набояд ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки Конститутсияи ҶТ кафолат додааст, вайрон кунад;
- Ҳизбҳои сиёсӣ ошкоро амал мекунанд, маълумот дар бораи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва барномавии онҳо бояд дастраси омма бошад (саҳ.10).

Аз унвонҷӯ пурсида мешавад, ки барои чӣ моддаи алоҳидаро оид ба принсипҳои таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба қонуни соҳавӣ пешниҳод менамояд? Ба андешаи мо дар моддаи якуми Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионие мавҷуданд, ки дар як вақт ифодакунандаи принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ баромад карда метавонанд.

2. Муаллифи диссертатсия дар автореферати худ қайд менамояд, ки дар муқоиса бо қонунгузории конститутсионии Федератсияи Россия масъалаи мақоми ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон васеътар ифода ёфтааст (саҳ.16).

Аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи рисолаи худ оид ба ин масъала бештар равшанӣ андозад.

Бо назардошти таҳлили фавқ, гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С.

«Имзои профессор Раҳмон Д.С.-ро тасдиқ мекунам»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Телефон: (+992 33 22) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj